БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!!!

АМИТ «Ховар» аз 26.10.2026, №191

ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

	№	Ташкилоти харидор	Мавзӯи харид	Усули харид	Навъи харид	Миқ-дори ном-гӯй	Санаи анҷоми қабули дархостҳо
1	441607	МД "Маҷмааи тандурустии Истиқлол"	Хариди катҳои тиббии бисёрфункционалӣ	Озмуни кушод	Мол	2	02-11-2026 16:30:00
2	443529	Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон	Хариди бланкаҳои нотариалӣ	Озмуни кушод	Мол	1	03-11-2026 09:00:00
3	443536	Беморхонаи марказии ноҳияи Муъминобод ба номи Одина Назаров	Хариди маводи хӯрока	Озмуни кушод	Мол	22	05-11-2026 08:37:18
4	443538	Корхонаи давлатии фаръии хоҷагию манзилию коммуналии ноҳияи Муъминобод	Таъмири ҷории бинои Корхонаи давлатии фаръии хоҷагию манзилию коммуналии ноҳияи Муъминобод	Озмуни кушод	Кор	1	05-11-2026 08:58:27
5	443542	Муассисаи таълимии Литсейи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Тошмуҳамадов М. Д.	Хариди мебел, маводи хӯрока, маҳсулоти сохтмонӣ, техникаи офиси, маишӣ, молҳои канселярӣ ва хоҷагӣ	Озмуни кушод	Мол	50	05-11-2026 10:00:00
6	443544	Муассисаи давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ - гимназияи №74-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе	Хариди ҷевони телекоммуникатсионӣ, ноқил, телевизор, диски сахт, коммутатори шабакавӣ, камераҳои назоратӣ-видеоӣ ва лавозимоти онҳо	Озмуни кушод	Мол	14	05-11-2026 10:45:00
7	443428	АГЕНТИИ ОБУҲАВОШИНОСӢ	Насби таҷҳизоти алоқа, таҳлил ва иваз кардани дастгоҳҳои антенна-фидерии истгоҳҳои метеорологии автоматии Агентии обуҳавошиносӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ	Озмуни кушод	Хизматрасонӣ	1	05-11-2026 11:00:00

8	443500	Хадамоти шиносномавию бақайдгирии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон	Хизматрасони оид ба таъминоти барномавӣ ва дастгирии техникии таҷҳизотҳои компютерӣ дар зерсохторҳои Хадамоти шиносномавию бақайдгирии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, вилояти Хатлон, вилояти ВМКБ, минтақаи Рашт ва шаҳру ноҳияи тобеи марказ	Озмуни кушод	Хизматрасонӣ	1	05-11-2026 11:20:00
9	443546	Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ	Таъмири ҷории китобхона ва меҳмонхонаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ	Озмуни кушод	Кор	1	05-11-2026 11:30:15
10	443539	Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Барқи Тоҷик"	Харидорӣ ва васлу насб намудани LED-Экран	Озмуни кушод	Мол	1	05-11-2026 13:36:01
11	443540	Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Барқи Тоҷик"	Лоиҳакашии бинои маъмурии иншооти гидротехникӣ бо толори конфронс ва толори ошхона барои қабули меҳмонон дар филиали «Неругоҳи Бойғозӣ»	Озмуни кушод	Хизматрасонӣ	1	05-11-2026 13:36:29
12	443531	Муассисаи давлатии Маркази миллии тавонбахшии кӯдакони маъюб "Чорбоғ" дар ноҳияи Варзоб	Хариди маснуоти сантехникӣ, асбобҳои дастӣ, либоси кӯдакон, уребча, маҳсулоти гигиенаи шахсӣ, маводи хӯрока молҳои барқӣ, канселярӣ ва хоҷагӣ	Озмуни кушод	Мол	82	05-11-2026 15:00:00
13	443493	МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТЕЛЕВИЗИОНИ "САЙЁҲИ ВА ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ"	Хариди масолеҳи сохтмонӣ, маснуоти сантехникӣ, мебел, парчам, оташхомӯшкунак ва лавозимот барои компютер, молҳои барқӣ, канселярӣ ва хоҷагӣ	Озмуни кушод	Мол	67	05-11-2026 15:30:00

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон https://eprocurement.gov.tj баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал мурочиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА “Амонатбонк” ё барномаи мобилии “Амонатмобайл” ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то **вақти дар сутуни «Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати *муқаррашуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад*.

Маълумот барои тамос:

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Техрон, 21

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304